**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАРМОИШ**

аз «3» феврали соли 2022 № 50/01 ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270) ва банди 8 Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва банди 7 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267),

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Қарори шӯрои диссертатсонии 6D.KOA-051 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм ба Имомализода Баҳодур Бобомурод дар мавзӯи «Ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Молия, гардиши пул ва қарз, бинобар риоя нагардидани талаботи бандҳои 10 ва 11 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Имомализода Баҳодур Бобомурод рад карда шавад.
3. Баррасии такрории диссертатсияи Имомализода Баҳодур Бобомурод барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ тибқи муқаррарот ба роҳ монда шавад.

4. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2022, №1.

Раис Розиқзода А.